# Номи курс: Фаъолияти иқтисоди берунаи корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(*Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*).

**Week 6.** Regulatory customs regime, export and import operations in Tajikistan
**lecturer: Rustamzoda Fitrat Muzafar**

## **МАВЗӮИ 6.** НИЗОМИ ГУМРУКИИ ТАНЗИМӢ, АМАЛИЁТҲОИ СОДИРОТИЮ ВОРИДОТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

6.1.Танзими амалиёти содиротиву воридоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

6.2.Шартҳои амалии литсензияҳо ва иҷозатномаҳо

6.3.Мафҳумҳои асосии гумрукӣ

**Мақсади лексия:** омӯзиши Танзими амалиёти содиротиву воридоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шартҳои амалии литсензияҳо ва иҷозатномаҳо ва Мафҳумҳои асосии гумрукӣ.

### 6.1. Танзими амалиёти содиротиву воридоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки муҳимтарин унсури мукаммалсозии сиёсати савдои берунии давлатҳо, дар баробари либерализатсияи режими савдои берунӣ, содда кардани расмиёти савдои берунӣ бо мақсади кам кардани мураккабии амалиётҳои вобаста ба савдои байналмилаллӣ, ки бо мавҷудияти монеъаҳои аз ҳад зиёди ҳуқуқию ва бюрократӣ алоқаманд буда, ҳамзамон самарабахшии назорати давлатӣ аз болои фаъолияти иктисодии беруниро таъмин менамояд.

Дар баробари ин, расмиёти савдои беруна на танҳо амалиётҳоеро дарбар мегирад, ки бевосита ба бастан ва амалӣ намудани амалиёти савдои беруна алоқаманданд, балки тартиби назорати гумрукӣ, пардохти боҷҳои гумрукӣ, пардохтҳои байналмилалӣ, интиқоли мол ва ғайраро низ дарбар мегирад.

Амалисозии ислоҳоти соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурию техникӣ, ташкили долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, ки минтақаҳои Тоҷикистонро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Хитой, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Шарқи Наздик ва дигар минтақаҳо мепайванданд, барои рушди бесобиқаи тиҷорати хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам овroutes.

Ҳоло ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии ҷумҳурӣ бо зиёда аз 120 давлати хориҷӣ ба роҳ монда шуда, гардиши савдои хориҷӣ, ки дар соли 1991[1] маблағи 131.1 млн. доллари ИМА-ро ташкил медод, дар соли 2023[2] ба 8328,9 млн. доллари ИМА расид, ки сатҳи афзоиши он 63,5 маротибаро ташкил медиҳад.

Принсипҳои асосии танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ инҳо мебошанд (Қонуни ҶТ аз 18.03.2022 № 1870):

- ягонагии сиёсати савдои хориҷӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ аз тарафи давлат;

- баробарӣ ва поймол накардани ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ;

- ягонагии ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2022 № 1870);

- интихоби чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, ки барои иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ ба он андозае вазнин набошанд, ки ҷиҳати таъмини ноилшавии самаранок ба мақсадҳое, ки барои амалӣ намудани онҳо андешидани тадбирҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ лозим аст, зарур мебошанд;

---

[1] Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Раҳматов Н.С. – Душанбе, 2020. - 805 саҳ.
[2] Тољикистон дар раќамњо. –Душанбе, Агентии омор, 2024. –С.135.

- ошкорбаёнӣ зимни таҳия, қабул ва истифодаи чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ;

- истиснои дахолати беасоси давлат ё мақомоти он ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва расонидани зарар ба субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- масъулияти мутақобилаи давлат ва субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ.

2. Танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ бо усулҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- танзими гумрукию тарифӣ ва ғайритарифӣ;

- муқаррарсозии мамнӯият ва маҳдудиятҳо нисбат ба навъҳои алоҳидаи мол ва хизматрасонӣ;

- татбиқи чораҳои дорои хусусияти иқтисодӣ-маъмурии ба рушди фаъолияти савдои хориҷӣ мусоидаткунанда ва бо Қонуни мазкур пешбинигардида (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2022 № 1870).

Умуман, масъалаҳои асосӣ ва муҳимтарини танзими муносибатҳои гумрукӣ, ки дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд:

- принсипҳои асосии интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
- расмиёти гумрукӣ,
- низомҳои гумрукӣ,
- мубориза бар зидди қонуншиканиҳои гумрукӣ,
- татбиқи механизми тарифӣ ва ғайритарифии танзими тиҷорати хориҷӣ,
- муайян намудани арзиши гумрукӣ ва тартиби боҷгузории мол вобаста ба низоми интихобшуда,
- мақомоти гумрук ва мавқеи онҳо дар системаи мақомоти давлатӣ, ҳуқуқу салоҳияту ваколати онҳо, тартиби адои хизмат дар мақомоти гумрук,
- иттилоотонию машваратдиҳии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

- химояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо.

Ҳамин тавр, танзими гумрукию тарифии фаъолияти савдои беруна ин маҷмӯи усулҳои асосии танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ мебошад, ки ба татбиқи боҷҳо, расмиёти гумрукӣ ва қоидаҳо асос ёфтааст.

Танзими гумрукӣ аз муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳое иборат мебошад, ки шахсон ҳангоми риоя намудани онҳо ҳуқуқи аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - сарҳади гумрукӣ) интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиётро амалӣ менамоянд. Танзими гумрукӣ мувофиқи Кодекси гумрук ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад[3].

Фаъолияти гумрукӣ маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои таъмини риояи тадбири танзими гумрукию тарифӣ, мамнӯият ва маҳдудиятҳоеро дар бар мегирад, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста бо интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ муқаррар шудааст.

Роҳбарии умумии фаъолияти гумрукиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мақсадҳои гумрукӣ татбиқи мустақими вазифаҳоро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва истифодаи якхелаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳамаи мақомоти гумрук дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи танзими гумрукӣ бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мутаносибии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва амалияи умумиэътирофшудаи байналмилалӣ иштирок менамояд.

Мақсадҳои татбиқи чораҳои танзими тарифии гумрукӣ инҳо буда метавонанд:

Вазифаи протекционистӣ - ҳифзи истеҳсолкунандагони миллӣ аз рақобати хориҷӣ мебошад.

---

[3] Моддаи 1. Танзими гумрукӣ ва фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Функсияи фискалӣ – таъмини воридоти маблағ ба буҷет.

Вазифаи танзими гумрукӣ - таъмини амнияти миллӣ, аз ҷумла, амнияти иқтисодии кишвар, ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахсият, ҷамъият ва давлат дар самти интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиёт, иборат буда, дар ин замина муайян намудани мамнӯияту маҳдудиятҳо барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии омма, моликият, сарватҳои таърихию фарҳангӣ ва ғайра равон карда шудаанд. Илова ба ин, муқаррароти зерин вазифаҳои танзими гумрукӣ мебошанд: - муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти ватанӣ ва бозори дохилӣ; - ташаккули Буҷети давлатӣ аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ; - ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ[4].

**Элементҳои танзими тарифии гумрукӣ иборат мебошад**[4]:

- Тарифи гумрукӣ — маҷмӯи меъёрҳои боҷи гумрукӣ
- Эъломияи (деклератсияи) гумрукии молҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда
- Амалиётҳои гумрукӣ
- Номгӯи молҳои ФИБ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро эълон намуда, ба эъмори иқтисоди бозорӣ оғоз намуд. Бинобар вазъи ногувори марҳалаи аввали солҳои истиқлолият Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мавриди амал қарор додани Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4-уми ноябри соли 1995 мавриди амал қарор гирифта, заминаҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти низоми гумрукӣ тадриҷан фароҳам оварда шуд. (Кодекси мазкур аз 1-уми январи соли 2005 беэътибор дониста шудааст).

Сипас, бо амалисозии маҷмӯи ислоҳоти фарогир ва рушди муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии мамлакат Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли

[4] Тафсири Кодекси гумруки Ҷумхурии Тоҷикистон / зери таҳрири Раҳматов Н.С. – Душанбе, 2020. - 805 саҳ.

2004 “Дар бораи қабул намудани Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 1-уми январи соли 2005 мавриди амал қарор дода шудааст.

Кодекси мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии фаъолияти гумрукиро муайян намуда, ба ҳимояи истиқлолият ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъол сохтани муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидорию мақомоти давлатӣ ва инчунин аз ҷониби онҳо риоя намудани уҳдадориҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нигаронида шудааст[5].

Мувофиқи он қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, конунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмате, ки ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд мутобиқ карда шудаанд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Кодекс, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки қабули онҳоро ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад[6].

Қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикстон муносибатҳои вобаста ба фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла муносибатҳои муқарар намудани тартиби интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ, муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ ба миён меоянд, шикоят нисбати санад, амалӣ (беамалии) мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин муносибатҳо оид ба муқарар намудан ва татбиқи низоми гумрукӣ, муайян, татбиқ намудан, тағйир додан ва ситонидани пардохтҳои гумрукиро танзим менамояд.

---

[5] Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Раҳматов Н.С. – Душанбе, 2020. - 805 саҳ.

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабул намудани кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор додани он, аз 14 ноябри соли 2016 № 1366, саҳ 1

Агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муқаррароти ҳамин Кодекс меъёрҳои дигар муқарар шуда бошанд, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ татбиқ мегарданд.

Кодекси мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии фаъолияти гумрукро муайян намуда, ба ҳимояи истиқлолият ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъол сохтани муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаҳои муносибатҳои ҷаҳонӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти давлатӣ ва аз ҷонби онҳо риоя намудани ӯҳдадориҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нигаронида шудааст[7].

**Ҳудуди гумрукӣ ва сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон[8]**

1. Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди ягонаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

2. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷойгир бошанд, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда, қисми минтақаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравconfigured. Моли дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷойгиршуда бо мақсади истифодаи боҷҳои гумрукӣ ва андоз, инчунин мамнӯият ва маҳдудияти дорои хусусияти иқтисодӣ, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, ба истисноии ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун моли берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиршуда ба ҳисоб меравand.

3. Доираи ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин доираи ҳудуди дар қисми 2 ҳамин модда нишондодашуда сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

4. Сарҳади гумрукӣ, ба истисноии доираи ҳудуди минтақаҳои дар қисми 2 ҳамин модда муайяншуда ба Сарҳади давлатӣ мувофиқ аст.

---

[7] Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. саҳ 1.

[8] Тафсири Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири Раҳматов Н.С. – Душанбе, 2020. - 805 саҳ.

## 6.2. Шартҳои амалии литсензияҳо ва иҷозатномаҳо

Шартҳои амали литсензияҳо ва иҷозатномаҳое, ки то 1 январи соли 2005 барои истифодаи низомҳои гумрукии "Коркарди мол дар қаламрави гумрукӣ", "Коркарди мол таҳти назорати гумрукӣ", "Коркарди мол берун аз қаламрави гумрукӣ", "Воридоти (содироти) муваққатӣ" дода шуда буданд, то ба охир расидани мӯҳлати амали чунин литсензияҳо ва иҷозатномаҳо дар ҳолати мухолифат накарданашон ба муқаррароти ин Кодекс нигоҳ дошта мешаванд. Қисман ё пурра озод намудан аз боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ва мамнуъият ва маҳдудиятҳои мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда нисбати молҳое, ки таҳти низомҳои мазкур қарор доранд, то мавриди амал қарор додани ин Кодекс, мутобиқи муқаррароти қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рӯзи додани ин литсензияҳо ва иҷозатномаҳо амал мекарданд, татбиқ карда мешаванд.

Литсензияҳое, ки барои машғул шудан ба ҳайси миёнрави (брокери) гумрукӣ ва интиқолдиҳандаи гумрукӣ, барои таъсиси анбори нигоҳдории муваққати, анбори гумрукӣ, инчунин шаҳодатномаҳои ихтисосии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ, ки то 1 январи соли 2005 дода шудаанд, то ба охир расидани мӯҳлати амали онҳо тибқи муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд[9].

Литсензиякунонӣ низоми иҷозатномаҳои хаттии намунаи муқарраршуда мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ барои содироту воридоти мол, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати мамлакат тасдиқ менамояд, дода мешавад. Литсензия мувофиқи тартиби муқарраргардида барои ҳар намуди мол, миқдори муайян ва намудҳои алоҳидаи он бо зикри ҳатмии ҳаҷм, арзиши он содиркунанда ва қабулкунандаи мушаххаси мол дода мешавад.

## 6.3. Мафҳумҳои асосии гумрукӣ

[9] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабул намудани кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор додани он, аз 3 декабри соли 2004 № 62, саҳ 1-2

Дар Кодекси гумрук мафумҳои асосии ба маънои зайл истифода бурда мешаванд:[10]

1) амалиёти гумрукӣ - амалҳои алоҳида нисбати мол ва воситаҳои нақлиёт, ки аз ҷониби шахсон ва мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт иҷро карда мешаванд;

2) андозҳо - андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, ки мақомоти гумрук вобаста ба интиқоли мол аз сарҳади гумрукӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меситонанд;

3) андозҳои дохилӣ - андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, ки ҳангоми муомилоти мол дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад;

4) боркашон (интиқолдиҳанда) – шахсе, ки молро аз сарҳади гумрукӣ ва таҳти назорати гумрукӣ дар доираи ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳад ё барои истифодаи воситаи нақлиёт масъул аст;

5) брокери гумрукӣ (намоянда) - миёнараве, ки амалиёти гумрукиро аз номи декларант ва (ё) бо супориши он ё шахси дигар, ки ба зиммаи ӯ чунин масъулият гузошта шудааст, иҷро мекунад ё ба вай ҳуқуқ дода шудааст, ки амалиёти гумрукиро мувофиқи ҳамин Кодекс анҷом диҳад;

6) воридоти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон - интиқоли воқеии мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ба ҳудуди гумрукӣ ва ҳамаи дигар амалҳои мувофиқи ҳамин Кодекс пешбинишуда бо мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт то замони иҷозати онҳо аз ҷониби мақомоти гумрук;

7) воситаҳои нақлиёт - ҳама гуна киштии дарёӣ (аз ҷумла лихтерҳои худгард ва ғайрихудгард, баржаҳо, инчунин киштиҳои болдор), киштиҳои дорои болиштҳои пурбод, тайёраҳо, нақлиёти автомобилӣ (аз ҷумла ядакҳо, нимядакҳо, воситаҳои нақлиёти омехта) ё воҳиди ҳаракаткунандаи роҳи оҳанро дар бар мегирад, ки барои ҳамлу нақли байналмилалии интиқоли пулакии шахсон ё ҳамлу нақли пулакӣ ва ройгони бори саноатӣ ва тиҷоратӣ

---

[10] Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. Саҳ 10.

истифода мешаванд, инчунин қисмҳои эҳтиётии 26 штатӣ, олот ва таҷҳизот, сӯзишворию равғанҳои молидании дар бакҳои штатӣ мавҷуда, агар онҳо якҷоя бо воситаҳои нақлиёт интиқол дода шаванд;

8) декларант – шахсе, ки молро декларатсия мекунад ё аз номи ӯ мол декларатсия карда мешавад;

9) декларатсияи гумрук - ҳуҷҷати дорои шакли муайян, ки дар он тибқи ҳамин Кодекс маълумоти барои мақомоти гумрук зарурӣ зикр карда мешавад;

10) интиқоли мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ – бо усулҳои гуногун ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардан ё аз он содир кардани молу воситаҳои нақлиёт;

11) интиқоли ғайриқонунии мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ - амали воридот ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз ин ҳудуд бо вайрон намудани тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс;

12) иҷозати мол - амали мақомоти гумрук, ки ба шахсони манфиатдор барои истифода ва (ё) ихтиёрдории мол тибқи низоми гумрукӣ иҷозат медиҳад;

13) иҷозати шартӣ - иҷозати мол ва воситаҳои нақлиёт бо маҳдудиятҳо ва шартҳои муқарраршуда оид ба истифода ва ихтиёрдории онҳо;

14) мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ - мақоми давлатии дахлдор, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини бевоситаи иҷрои вазифаҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва истифодаи якхелаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҳамаи мақомоти гумрук дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор шудааст;

15) мақомоти гумрук - мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва воҳидҳои тобеи он, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар ҳамин Кодекс мақомоти гумруки давлатҳои хориҷӣ ёдовар шудаанд;

16) мол - ҳама гуна амволи манқули ҳам ба мақсадҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, инчунин воситаҳои

нақлиёти марбут ба амволи ғайриманқул, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд. Воситаҳои нақлиёти дар банди 7 ҳамин қисм нишондодашуда ба мол тааллуқ надоранд;

17) моли ватанӣ - моле, ки барои мақсадҳои гумрук дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои статуси муомилоти озод мебошад, яъне моле, ки аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир нашудааст ва пурра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол гардидааст, моли барои муомилоти озод дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашуда ва моле, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моли барои муомилоти озод дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашуда истеҳсол гардидааст;

18) моли хориҷӣ — моле, ки моли ватанӣ ҳисобида намешавад;

19) моли таҳти назорати гумрукӣ қарордошта - моли хориҷие, ки то замони иҷозати он ба муомилоти озод, интиқоли воқеии мол аз сарҳади гумрукӣ ҳангоми содирот ё худ то замони нобудкунии он, ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, инчунин моли ватанӣ аз замони содироти он аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон то замони интиқоли воқеии он аз сарҳади гумрукӣ;

20) муомилоти озод - муомилоти мол дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни мамнӯият ва маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;

21) назорати гумрукӣ – маҷмӯи тадбирҳо, аз ҷумла дар асоси арзёбӣ ва идоракунии таваккале, ки мақомоти гумрук бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд; (ҚҶТ аз 02.01.2020. №1678);

22) низоми гумрукӣ – расмиёти гумрукие мебошад, ки маҷмӯи талабот ва шартҳо, аз ҷумла тартиби нисбати мол ва воситаҳои нақлиёт истифода бурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз, мамнӯият ва маҳдудиятҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақоми мол ва воситаҳои нақлиётро ба мақсадҳои гумрукӣ вобаста бо мақсади интиқоли онҳо аз

сарҳади гумрукӣ ва истифодабарӣ дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз ин ҳудуд дар бар мегирад;

23) расмиёти гумрукӣ – маҷмӯи муқаррароте, ки статуси мол ва воситаҳои нақлиёти аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшавандаро барои мақсадҳои гумрукӣ муайян менамояд;

24) содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон - пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ ё анҷом додани амалҳои дар сархати дуюми ҳамин банд зикршуда, ки мустақиман ба содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт, инчунин дигар амалҳои мувофиқи ҳамин Кодекс барои мол ва воситаҳои нақлиёт то замони интиқоли ҳақиқии онҳо аз сарҳади гумрукӣ пешбинишуда нигаронида шудааст. Ба амалҳое, ки мустақиман ба содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, амали дохил шудани (воруди) шахси воқеии аз Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷшаванда ба минтақаи назорати гумрукӣ, ворид шудани воситаҳои нақлиёт ба нуқтаи гузаргоҳ аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баровардани он аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоридани мол ба ташкилотҳои нақлиётӣ ва (ё) муросилоти байналмилалӣ тавассути ташкилотҳои (муассисаҳои) алоқаи почта барои ирсол берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амали шахс ҷиҳати бо мол ва воситаҳои нақлиёт мустақиман баромадан аз сарҳади гумрукӣ берун аз маҳалҳое, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, ба ҳисоб меравад;

25) статуси (мақоми) мол ва воситаҳои нақлиёт барои мақсадҳои гумрукӣ – мавҷуд будан ё набудани мамнӯият ва маҳдудиятҳо барои ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдории мол ва воситаҳои нақлиёт, ки мувофиқи ҳамин Кодекс муқаррар шудааст;

26) шахсони манфиатдор – шахсоне, ки манфиати онҳо тавассути қарор, амали (беамалии) мақомоти гумрук нисбати мол ва воситаҳои нақлиёт мустақиман ва инфиродӣ дахолат карда мешавад, агар аз ҳамин Кодекс тартиби дигаре барнаояд;

27) шахсон - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, агар аз ҳамин Кодекс тартиби дигаре барнаояд;

28) шахсони хориҷӣ - шахсоне, ки шахсони ватанӣ ҳисобида намешаванд;

29) шахсони ватанӣ - шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳали истиқомати доимӣ дорад, соҳибкори инфиродӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, инчунин шахси ҳуқуқие, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст;

30) шахси ҳуқуқии ватанӣ – шахси ҳуқуқие, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст;

31) экспедитор – шахсе, ки мувофиқи шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад;

32) ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ – ҳисобнома-фактура (инвойс), номнависи (спетсификатсияи) бор, варақаи бастабандӣ ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ҳангоми анҷом додани фаъолияти савдои хориҷӣ ва дигар фаъолият, инчунин барои тасдиқи аҳдҳо вобаста ба интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукӣ истифода мегарданд; (ҚҶТ аз 02.01.2020. №1678):

33) ҳуҷҷатҳои гумрукӣ – ҳуҷҷатҳое, ки танҳо барои мақсадҳои гумрукӣ таҳия шудаанд;

34) ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ (борбарӣ) –коносамент, борхат ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудият ва мазмуни шартномаро барои интиқоли мол тасдиқ менамоянд ва ҳангоми интиқоли байналмилалӣ ҳамроҳикунандаи мол ва воситаҳои нақлиёт мебошанд;

35) молҳои қалбакӣ - молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнии бо вайрон намудани ҳуқуқҳои соҳибҳуқуқ тайёргардида ва (ё) аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшавандае, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз мешаванд;

36) соҳибҳуқуқ – шахсе, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноӣ ба объекти моликияти зеҳнӣ мебошад;

37) боздошти иҷозат – дар сурати ҷой доштани шубҳа оид ба қалбакӣ будани молҳо аз ҷониби мақомоти гумрук тамдид гардидани мӯҳлати қабули қарор дар бораи иҷозати онҳо, ки мутобиқи низоми интихобгардидаи гумрукӣ интиқол дода мешаванд;

38) феҳристи гумрукии объектҳои моликияти зеҳнӣ – номгӯи молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнии мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда;

39) Мамнӯият ва маҳдудиятҳо - чораҳои ҳимояи манфиати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар савдои хориҷӣ, воридоти мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, содироти он аз ин ҳудуд, аз ҷумла системаи чораҳои назорати содирот, тасдиқи мутобиқат ба стандартҳо ва талабот оид ба бехатарии мол, аз ҷумла регламентҳои техникӣ, талаботи байторӣ, фитосанитарӣ, карантинӣ, санитарию эпидемиологӣ, фармасевтӣ ва радиатсионӣ, инчунин сертификати мутобиқат, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва (ё) санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар гардидаанд; (ҚҶТ. 28.12.2012, №906) ;

40) боҷи гумрукӣ – пардохти ҳатмие, ки дар ҳолати интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти гумрук тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад. (ҚҶТ аз 02.01.2020. №1678).

Ҳамаи мафҳумҳои дигар дар ҳамин Кодекс мутобиқи мазмуне, ки дар

**Танзими гумрукӣ ва фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Танзими гумрукӣ аз муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳое иборат мебошад, ки шахсон ҳангоми риоя намудани онҳо ҳуқуқи аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - сарҳади гумрукӣ) интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиётро амалӣ менамоянд.

Танзими гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад[11].

2. Фаъолияти гумрукӣ маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои таъмини риояи тадбири танзими гумрукию тарифӣ, мамнӯият ва маҳдудиятҳоеро дарбар мегирад, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста бо интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ муқаррар шудааст.

3. Роҳбарии умумии фаъолияти гумрукиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.07.2012 № 845).

Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо мақсадҳои гумрукӣ татбиқи мустақими вазифаҳоро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва истифодаи якхелаи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳамаи мақомоти гумрук дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 № 1421).

**Хулоса -** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи танзими гумрукӣ бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мутаносибии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва амалияи умумиэътирофшудаи байналмилалӣ иштирок менамояд.

**Саволҳо барои мустаҳкамкунии мавзӯъ**:

1. Моҳияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мавриди амал қарор додани Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро шарҳ диҳед?
2. Шартҳои иҷоҳатдиҳиро номбар намоед?
3. Мафҳумҳои асосии гумрукиро номбар намоед?

11 Танзими гумрукї ва фаъолияти гумрукї дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. саҳ 1.